ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳмон дар мавзуи "Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Вазифаи муҳими кормандони илм ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони мураккабшавии муносибатҳои истеҳсолӣ ин тағйир додани низоми растанипарварӣ барои беҳтар кардани сифати ғизои аҳолӣ ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонеъ гардонидани талаботи категорияҳои гуногуни аҳолӣ ба ғизои дуруст ва солим бо назардошти анъана, одат ва вазъи иқтисодӣ мебошад. Ҳадафи давлат дар ин самт истеҳсоли ғизои солим ҷиҳати нигоҳдорӣ, таҳкими саломатии аҳолӣ, пешгирии бемориҳое мебошад, ки дар натиҷаи норасогиҳои ғизои солим ба амал омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки бинобар сабаби дастрасии ками аҳолӣ ба ғизои солим дар ҷомеа, бозмонии рушд, лоғарӣ, фарбеҳӣ, афзоиши бемориҳои марбут ба нодуруст истифода кардани ғизо ва амсоли инҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ ва соҳавиро мавриди амал қарор диҳад. Аз ҷумла "Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ то соли 2027", "Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ барои солҳои 2015-2024", "Барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташаккули ғизои солим барои солҳои 2019-2024", "Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ барои солҳои 2022-2027" ва як қатор барномаҳои дигар қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки ҳадафашон мураккабгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ бо мақсади таъмини ҳама қишрҳои аҳолӣ бо ғизои солим мебошад. Дар ин миён истеҳсоли ҳар чӣ бештари зироатҳои лӯбиёдонагӣ, аз ҷумла лӯбиё яке аз ҳадафҳои калидии ҳамаи ин барномаву стратегияҳои қабулгардида мебошад. Бо назардошти ин тадқиқоти диссертатсионии иҷронамудаи Саидзода Р.А. бисёр актуалӣ буда, ба ҳадафҳои барномаву стратегияҳои болозикр мувофиқ мебошад. Зеро зироатҳои лӯбиёдонагӣ, аз ҷумла худи лӯбиё дорои арзиши баланди ғизоӣ буда, дар баробари ин дар раванди устуворгардонии низоми растанипарварӣ, солимгардонии хок ва баланд бардоштани ҳосилхезии он нақши бисёр муҳим дорад.

Ҳамон гуна, ки муаллиф қайд мекунад техногияи парвариши лӯбиё дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хуб омӯхта нашуда, масоҳати майдони кишти он низ то имрӯз аз рӯйи миқдор нокифоя мебошад. Бо назардошти ин, диссертант Саидзода Р.А. 1 навъи лӯбиёи маҳаллӣ ва 8 навъи аз хориҷи кишвар нав интродуксияшудаи лӯбиёро аз рӯйи иқтидори генетикӣ ва хусусияти мутобиқшавӣ ба шароити маҳал мавриди омӯзиш қарор дода, дар баробари ин унсурҳои агротехнологии парвариш, аз ҷумла таъсири муҳлати кишт, меъёру усули кишт, зичии ниҳолҳо ва истифодаи меъёрҳои мухталифи нурии маъданӣ ба рушду нумуъ ва ҳосилнокии 9 навъи лӯбиёро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки аз нигоҳи ҳаҷму андозаи иҷрои корҳои тадқиқотӣ бисёрсамта ва ниҳоят мураккаб мебошад. Ба ин

мураккабият нигоҳ накарда диссертант Саидзода Р.А. дар ҳар бахши тадқиқот ба натиҷаи назаррас ноил гардида, тавсияҳои судманд ба истеҳсолоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб додааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамин тавр, аз мухтавои автореферати диссертатсия хулоса кардан мумкин аст, ки рисолаи илмӣ аз нигоҳи методологӣ, кори илмии баанҷомрасонидашуда буда, дар асоси талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ аст.

Хулоса, кори диссертатсионии иҷронамудаи диссертант Саидзода Р.А. аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, ба ҳамагуна талаботҳои аттестатсионӣ мувофиқ омода шудааст ва таркиботи он мусбат арзёбӣ шудааст. Аммо дар ҳошияи автореферати кори диссертатсионӣ чанд эроди хурд ҷой дорад, ки чунин аст:

1.Дар матни автореферати диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

2.Объектҳои тадқиқотӣ асосан навъҳои интродуксияшуда буда, дар сарчашмаҳо расмияти воридшавиашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ нест ва аз тарафи ниҳоди масъули давлатӣ "Муассисаи давлатии "Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо"-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мавриди омӯзиш қарор нагирифта, ҳамчун навъҳои ояндадор эълон нагардидаанд. Бо назардошти ин, дар матни мавзуи кори диссертатсионӣ ворид кардани ифодаи "масулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё" аз нигоҳи тартиб номувофиқ мебошад.

Зимнан, бояд ёдовар шавам, ин эродҳо барои фаъолияти минбаъдаи илмии диссертант буда, ба сифати кори иҷрошуда нукс ворид намекунад. Аз таҳлили автореферат хулоса мешавад, ки рисола дар ҳамин шакл кори илмии мукаммали анҷомёфта буда, муаллифи он Саидзода Р.А. сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ аст.

Дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика,
селексия ва тухмипарвариии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ҳайдаров З.Ё.

Тел: 93-513-84-24
E – mail:**Rais-1275@mail.ru**

Имзои Ҳайдаров З.Ё.-ро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

15.09.2026.